## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022

Дар низоми суғуртаи кишвар то 31 марти соли 2022 бо фаъолияти суғуртавӣ 19 ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) машғуланд, ки сохтори он аз 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД ва КВДС) ва 17 ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Саҳми сармоягузориҳои хориҷӣ ба бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,2 фоизро ташкил медиҳад, ки дар он ду ташкилоти суғуртавӣ бо ҳиссаи 100 фоиз ва 1 ташкилоти суғуртавӣ бо ҳиссаи 50 фоизро ташкил мекунанд.

Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба семоҳаи якуми соли 2021 бинобар сабаби қатъ гардидани фаъолияти Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила 1 адад кам шудааст. Шумораи умумии филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар марҳилаи баррасишаванда 72 ададро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 адад зиёд мебошад.

***Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта***

*(бо адад)*

| | *1/2021* | *1/2022* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | 20 | 19 | -1 |
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 17 | 17 | 0 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 0 | -1 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 71 | 72 | 1 |

**Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2022 ба 537,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 55,1 млн. сомонӣ

(11,4 фоиз) зиёд шудаанд. Афзоиши умумии дороиҳо дар давраи ҳисоботӣ асосан аз ҳисоби зиёд гардидани дороиҳои ҶСП “ТС Суғуртаи аввалини миллӣ”- 19,3 фоиз, ҶСП ТС “Паймон Иншуренс”- 3,2 маротиба, ҶДММ “ТС Бима”- 38,5 фоиз ба амал омадааст.

Ҳамин тариқ, саҳми низоми суғурта дар низоми молиявии кишвар дар интиҳои семоҳаи якуми соли ҷорӣ ба **2,0 фоиз** баробар шуда, ҳаҷми умумии дороиҳои он **нисбат ба ММД бошад, 0,5 фоизро** ташкил дод.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022***

(млн. сомонӣ)




**Дар семоҳаи якуми соли 2022 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии)** кишвар ба 214,8 млн. сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 5,2 фоиз (10,6 млн. сомонӣ) зиёд мебошад.

***Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022***

(млн. сомонӣ)



**Маблағҳои худии (сармояи)**[1] **низоми суғуртаи кишвар** дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2022 ба 322,2 млн. сомонӣ расиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 44,5 млн. сомонӣ (16,0 фоиз) зиёд мебошад. Ин раванд аз ҷиҳати устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мусбат арзёбӣ гардида, ба афзун гардидани дороиҳои пардохтпазири низоми суғурта мусоидат намуда истодааст.

Бояд ёдовар шуд, ки қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-ро сармояи (фонди) оинномавии онҳо ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда ба санаи 31 марти соли 2022 222,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 57,3 млн. сомонӣ (34,7 фоиз) афзоиш ёфтааст.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022*




Ба таври назаррас зиёд шудани сармояи оинномавии низоми суғуртаи кишвар вобаста ба риоя гардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” аз ҷониби аксари ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошад. Ин раванд дар навбати худ боиси афзоиш ёфтани пасандозҳои онҳо дар низоми бонкӣ тавассути равона намудани онҳо ба сифати сармоягузории бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ мегардад.

**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар моҳҳои январ-марти соли ҷорӣ ба 453,8 ҳазор баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2021 ба миқдори 38,3 ҳазор (7,8 фоиз) коҳиш ёфтааст. Коҳишёбии мазкур ба ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бинобар сабаби аз ҷониби

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

онҳо баста шудани шартномаҳои калонҳаҷм таъсири манфӣ нарасондааст.

***Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022***




**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** яке аз нишондиҳандаҳоест, ки устувории молиявиро инъикос намуда, сарчашмаи асосии даромад махсуб меёбад. Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ дар семоҳи якуми соли 2022 маблағи 65,5 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 3,8 млн. сомонӣ (6,1 фоиз) зиёд мебошад. Таҳлилҳои гузарондашуда собит менамоянд, ки афзоиши мазкур дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ асосан аз ҳисоби зиёд гардидани мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ҶДММ ТС "Паймон Иншуренс", КВД "Тоҷиксуғурта", ҶДММ ТСА "Спитамен Суғурта", ҶДММ "ДС суғурта" ва ҶДММ "ТС Меҳнат" ба амал омадааст.

***Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022***



Воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)[2] дар семоҳаи якуми соли 2022 аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 344,3 ҳазор сомонӣ ва 15,9 млн. сомониро ташкил доданд ва суғуртаи ҳатмии давлатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 29,1 ҳазор сомонӣ (9,2 фоиз) зиёд гардида, суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба андозаи 196,6 ҳазор сомонӣ (1,2 фоиз) кам шудааст.

Аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ бошад, хаҷми воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар ин давра ба 49,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 75,2 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 3,9 млн. сомонӣ (8,7 фоиз) афзоиш ёфтааст.

***Диаграммаи 7. Тағйирёбии мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022***




Мавриди қайд аст, ки афзоиши мукофоти суғуртавӣ аз рӯи "суғуртаи ҳаёт", ки дар давлатҳои тараққикарда нисбат ба соҳаҳои дигари суғурта рушдёфта мебошад, дар низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон феълан рушди чашмраси он мушоҳида карда намешавад.

Воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи ин "соҳаи суғурта" дар давраи баррасишаванда 166,0 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад, ки ҳиссаи онҳо 0,3 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)-и воридшударо дарбар мегирад. Ин намуди суғурта дар аксари давлатҳои пешрафта сарчашмаи дарозмуддати сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад ва рушди он андешидани чораҳои заруриро тақозо менамояд.



[2] Ҳаҷми воридоти умумии мукофотҳои суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешавад.

**Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2022, 86,1 млрд. сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 45,0 млрд. сомонӣ (2,1 маротиба) зиёд аст.

Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бошанд, дар семоҳаи якуми соли 2022, 74,8 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 46,3 млрд. сомонӣ (2,6 маротиба) афзоиш ёфтаанд.

*Диаграммаи 8. Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022*

*(млрд. сомонӣ)*




*Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022*

*(млрд. сомонӣ)*




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардида**[3], дар семоҳаи якуми соли 2022 ба маблағи 11,6 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 128,7 ҳаз. сомонӣ (1,1 фоиз) кам мебошад.

**Нишондиҳанда захираҳои суғуртавӣ**, ки далели сари вақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ 164,0 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 4,5 млн. сомонӣ (2,7 фоиз) кам мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки раванди ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба таври лозимӣ ба роҳ монда нашудааст, бинобар ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон "Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)" аз 6 августи соли 2021, № 129 таҳия гардид, ки он минбаъд бевосита ба афзоиш ёфтани захираҳои



[3] Амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ, ки ба кам кардани уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода мешаванд.

суғуртавӣ ва танзими онҳо дар низоми суғуртаи кишвар мусоидат менамояд.

**Пардохтҳои суғуртавӣ (ҷубронҳои суғуртавӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2022 тамоюли зиёдшавиро ба худ касб намуда, маблағи онҳо ба 4,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 1,4 млн. сомонӣ (1,5 маротиба) зиёд аст.

*Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022*




*Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва семоҳаи I соли 2022*




Ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар низоми бонкии кишвар дар семоҳаи якуми соли 2022 36,0 млн. сомониро ташкил дод, ки раванди мазкур ба татбиқи амалии равонасозии сармоягузориҳо ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) низоми суғуртаи кишвар** дар семоҳаи якуми соли 2022 ба 28,1 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 3,3 млн. сомонӣ (13,4 фоиз) зиёд мебошад ва он аз самаранок истифода бурдани маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) кишвар шаҳодат медиҳад.



Нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯи дороиҳо (ROA) дар семоҳаи якуми соли 2022 ба ҳисоби миёна 2,0 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя (ROE) бошад, 3,8 фоиз баробар гардиданд.